**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 187 с.**

Шахсияти Абдуллоҳи Ансорӣ дар таърихи адабиёт ва фарҳанги шарқиён, хоссатан, мардумони форсизабон аз ҷумлаи чеҳраҳои саршиноси олами адабу ирфон шинохта шудааст. Ҳарчанд ҳама паҳлуҳои зиндагии ин шахсияти бузург таҳқику баррасӣ шуда бошад ҳам, чеҳраи ӯ ҳамчун шоир ба таври алоҳида таҳқиқ нашудааст. Тақрибан дар кулли сарчашмаҳои адабӣ ва баъзе аз сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи Абдуллоҳи Ансорӣ дар баробари ориф ва назарияпардози тасаввуф будан, ҳамчун адиби навовар ва рубоисаро ёд шудааст. Маҳз ҳамин нукта, ки чеҳраи шоирии ӯ дар баробари орифу назарипардоз будан хеле кам ва тақрибан пажӯҳиш нашудаст, муаллифи рисоларо ба таҳқиқи чеҳраи шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ водор кардааст.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар силки шоирони давраи аввали рубоисарой қарор дорад. Тазкиранависоне ба монанди Амин Аҳмади Розӣ аз се девони ашъор доштани Абдуллоҳи Ансорӣ дар тазкираи «Ҳафт иқлим» ёдовар шудааст. Ҳамчунин, саҳми бесобиқа ва бузурги Ансорӣ дар таъ]рихи адабиёт бештар дар саҷъсароии ӯ намоён аст ва бисёре аз адабпажӯҳон ӯро асосгузори саҷъ дар адабиёти форсӣ медонанд. Мавзуи диссертатсияи Искандари Ориф аз зумраи мавзуъҳо ва масоили таҳқиқиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** рисолаи номзадий Искандари Ориф бештар дар он зоҳир мешавад, ки то кунун дар адабиётшиносии тоҷик перомуни масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо пажӯҳиши алоҳида сурат нагирифтааст. Бо дарназардошти ҳамин нуктаҳо, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ сабаб ва зарурати интихоби мавзуи мазкурро  чунин менависад: «Тақрибан тамоми паҳлуҳои зиндагии Абдуллоҳи Ансорӣ пажӯҳиш ва дар ин росто осори зиёде таълиф шудааст, аммо масъалаи таҳқиқи шеър ва масъалаҳои алоқаманд ба он, аз ҷумла асолати шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо, заминаҳои шоиронагии каломи адиб, вежагиҳои сабкию муҳтавоӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори шоир то кунун анҷом нашудааст»

(диссертатсия, с. 4). Ҳамчунин, қайд мекунад: «... яке аз масъалаҳои баҳснок дар шинохти ҳувийяти адабии Ансорӣ алоқаи ӯ ба шеъру шоирӣ мебошад, ки дар ин бора аз ҷониби муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ андешаҳои мухталиф ироа гардидаанд. Ҷамъоварӣ ва баррасии андешаҳои мавҷуд ва ҳалли дурусти масъала аз нигоҳи равишшиносии адабпажӯҳии ҷадид муҳим мебошад» [диссертатсия, с. 4].

Омӯзиши паҳлуҳои гуногуни зиндагии Абдуллоҳи Ансорӣ ҳатто аз замони зинда будани ӯ сурат гирифта, то имрӯз идома дорад. Аммо чунонки пештар қайд кардем, ҳеч пажӯҳиши алоҳида дар мавриди чеҳраи шоирӣ ва арзёбии шеъри Ансорӣ сурат нагирифтааст. Танҳо муҳаққиқон В.А.Жуковский, Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ ва Маҳмуди Мудаббирӣ дар ҷамъоварии бахше аз ашъори ӯ кӯшидаанд. В.А. Жуковский дар маҷмуае бо номи «Сурудҳои Пири Ҳирот» зиёда аз 20 ғазал, Мавлоӣ дар дохили «Маҷмуи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» қисмате аз ашъори форсӣ (шомили жанрҳои гуногуни шеърӣ) ва Маҳмуди Мудаббирӣ рубоиёти ӯро таҳти унвони «Рубоиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» гирдоварӣ кардаанд.

Дар давронии соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз чандин таҳқиқот дар бораи паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ва фаъолияти Абдуллоҳи Ансорӣ сурат гирифтааст. Расул Ҳодизода дар китоби «Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик» перомуни зиндагии Абдуллоҳи Ансорӣ сухан гуфта, намунаҳое аз ашъори ӯро меорад. Оид ба ҷанбаҳои гуногуни зиндагӣ ва фаъолияти Абдуллоҳи Ансорӣ дар ин муддат диссертатсияҳои номзадӣ навишта шудаанд, ки иборатанд аз: Очилова Меҳринисо Илҳомовна «Художественно-стиловые особенности «Табакот-ус-суфия» Ходжи Абдуллаха Ансори», Басири Комҷӯ «Философско-мистические взгляды Ходжи Абдуллы Ансари», Шарипова Муътабар Заҳибуллоева «Поэтика мистической прозы Ходжа Абдуллаха Ансари и его вклад в развитие суфийской таджикско-персидской литературе».

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он аст, ки бори нахуст муаллифи рисола перомуни масъалаҳои асосии баррасишаванда ҷусторҳои илмӣ анҷом дода, бо далелҳои равшан муҳимтарин хусусиятҳои жанрӣ ва асоситарин вежагиҳои мавзуии ашъори Абдуллоҳи Ансориро таъин кардааст. Илова бар инҳо, унвонҷӯ чанд сол ба кори ҷамъоварии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва мураттаб сохтани онҳо машғул буд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он исбот мегардад, ки дар пажӯҳиши диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабпажӯҳони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Умуман, сатҳи эътимоднокии

натиҷаҳои таҳқиқ аз эътимоднокии маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои он, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти равишҳои таҳқиқ бармеояд.

**Хулоса ва тавсияҳо** бар мабнои баррасиҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯзиши масъалаҳои монанд ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводди назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Искандари Ориф доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводди нашргардида**, ки дар бхши “Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия” оварда шудаанд, муҳимтарин нукот, хулосаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, **саҳми шахсии муаллифро** дар раванди пажӯҳиш собит менамоянд.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, шаш фасл, нуҳ зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхатти адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ, дар навбати худ, ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар бахш аз диссертатсия равиши хуби таҳқиқ, дақиқ нишон додани маъхазҳо, муҳокимарониҳои илмӣ ва хулосабарориҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Мубрамии мавзуъ ва дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян дар муқаддимаи диссертатсия баррасӣ шудаанд.

Дар рисолаи диссетатсионӣ мақсаду вазифаҳои таҳқиқ мушаххас пайгирӣ ва **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд**, ки воқеан, дар адабиётшиносии тоҷик ва дар шинохту таҳқиқи осори адабии Абдуллоҳи Ансорӣ аҳаммияти хоссаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Масъалаҳои интисоби ашъор ва заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дорад ва он дар навбати худ

аз ду фасл ва шаш зерфасл иборат аст. Фасли якум «Ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо» унвон дошта, аз се зерфасл иборат аст. Зерфасли аввали фасли якуми боби аввал «Шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ» ном дорад.

Унвонҷӯ дар ин бахш сарчашмаҳоро перомуни маълумот дар бораи шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: 1) сарчашмаҳое, ки дар онҳо аз шеър сурудани Абдуллоҳи Ансорӣ сухан меравад, вале намуна зикр намегардад; 1) сарчашмаҳое, ки дар онҳо ҳам зикри шоирӣ рафта ва ҳам порчаҳои шеърӣ оварда шудаанд. Ҳамчунин, бо таваҷҷуҳ ба табақабандии анҷомдодааш масъалаи мавриди назарро дар ин зербоб аз ду дидгоҳ баррасӣ кардааст: 1. назари тазкиранависон перомуни маҳорати шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ; 2. миқдори абёт ва мувофиқати ашъори дар сарчашмаҳо зикргардида бо ашъори дар хилоли осори мансури Абдуллоҳи Ансорӣ омада.

Зерфасли дуюми фасли якуми боби аввал «Осори насрии Ансорӣ ва ашъори мундариҷ дар онҳо» унвон дорад. Дар ин зерфасл диссертант дар аввал ба тавсифи мухтасари осори Абдуллоҳи Ансорӣ пардохта, баъдан осореро аз ин миён ҷудо кардааст, ки аз ҳовии ашъори ӯ ҳастанд. Муаллифи рисола дар мавриди миқдори таъйинкардаи ашъори Ансорӣ чунин менависад: «Ашъори мазкурро дар ҳаҷми 989 байт метавон муқаррар кард, ки аз дусаду ҳабдаҳ рубоӣ (чаҳорсаду сию чор байт), чиҳилу панҷ ғазал (сесаду наваду нуҳ байт), ёздаҳ маснавӣ (121 байт), ҳаждаҳ фард (ҳаждаҳ байт), ҳашт *қитъа (шонздаҳ байт) ва ду мисроъ (як* байт) иборатанд» [диссертатсия, с. 53].

Зерфасли сеюми фасли якуми боби аввал «Рубоиёти сайёр ва интисоби онҳо ба Ансорӣ» ном дорад. Дар ин зерфасл диссертант дар бораи «рубоиёти сайёр»-и Абдуллоҳи Ансорӣ баҳс ба миён оварда, рубоиётеро, ки ба ӯ ва шоирони дигар тааллуқ доранд, баррасӣ менамояд. Ҳамчунин, муаллиф дар таъйини рубоиёти Ансорӣ воситаҳои муҳиммеро пешниҳод мекунад, ки дархури коранд.

Фасли дуюми боби аввал «Заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз се зерфасл иборат аст. Зерфасли аввали фасли дуюми боби аввал «Истеъдоди фитрӣ ва мутолиаи зиёд аз осори гузаштагон» унвон дорад. Дар ин зерфасл дар бораи бузургӣ ва истеъдоди фитрии Абдуллоҳи Ансорӣ, ҳамчунин, қобилияти зеҳнии ӯ баҳс ба миён оварда мешавад. Муаллиф истеъдоди фитрӣ ва мутолиаи зиёдро дар ташаккули ҷанбаи шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ аз унсурҳои асосӣ ҳисобидааст.

Зерфасли дуюми фасли дуюми боби аввал «Таъсири хонавода ва муҳити фарҳангии замон» ном дорад. Ба монанди зерфасли қаблӣ, муаллиф дар ташаккули шахсияти адабии Абдуллоҳи Ансорӣ таъсири муҳити хонаводагии ӯ ва ҳамчунин, ширкат дар маҷолиси бузургони суфияро бориз арзёбӣ кардааст. Диссертант баррасиҳои худро бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои таърихию адабӣ асоснок мекунад.

Зерфасли сеюми фасли аввали боби якум «Насри мусаҷҷаъ дар осори адиб» унвон дорад. Номи Абдуллоҳи Ансорӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бо пайдоиш ва ташаккули насри мусаҷҷаъ сахт алоқамандӣ дорад. Маҳз пайравӣ аз шеваи баёни Қуръон каломи ӯро мусаҷҷаъ кардааст. Муаллифи рисола паҳлуҳои гуногуни саҷъҳои Ансориро таҳқиқ намуда, дар баъзан ҳолат саҷъи ӯро гунае аз шеър низ арзёбӣ кардааст: «Ҳамин ҷумларо метавон дар шакли тарона дар як байт ҷамъ овард:

Ин ишқ мардумхор аст,
Бе ишқ мардум хор аст» [диссертатсия, с. 80-81].

Боби дуюми диссертатсия «Мундариҷаи ғоявии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз се фасл ва се зерфасл иборат аст. Фасли аввали боби дуюм «Ҳаҷми ашъор ва табақабандии онҳо ба анвои адабӣ» унвон дорад. Дар ин фасл диссертант аз ҷустуҷӯ ва баррасии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ, ки дар шакли пароканда, дар дохили осори насрии ӯ ва дигар сарчашмаҳои адабӣ омадаанд, чунин хулоса кардааст, ки ашъори мансуб ба Ансорӣ аз рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, қитъа, фард ва байтҳои пароканда иборат аст.

Зерфасли якуми фасли аввали боби дуюм «Рубоӣ» ном дорад. Дар ин зерфасл диссертант дар бораи ҳаҷми умумӣ ва сохтори рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ баҳс кардааст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки дар ин баррасиҳо мабоҳис перомуни «рубоии себайтӣ» сурат мегирад. Диссертант баҳсҳои ҷолиб дар бораи ин навъи рубоиёт ба миён оварда, рубоиёти муштарак миёни Ансорӣ ва шоирони дигарро шарҳ медиҳад.

Зерфасли дуюми фасли аввали боби дуюм «Ғазал» ном дорад. Ин зерфасл низ аз ҷиҳати баррасиҳо ва хулосабарориҳои муаллифи рисола ҷолиб аст. Зеро дар он сабку услуби то дараҷае пасти ғазалиёти шоир аз ҷониби муҳаққиқ рӯшан гардида, то ҷое баҳси аз Ансорӣ набудани ин ғазалиётро бо далелҳои маҳкам пешниҳод мекунад.

Зерфасли сеюми фасли аввали боби дуюм «Қитъа, муфрадот, маснавӣ ва мисроъ» унвон дорад. Дар ин зерфасл унвонҷӯ аз жанрҳои дигари мавҷуд дар эҷодиёти шоир баҳс ба миён оварда, ҷанбаҳои гуногуни ғоявӣ ва бадеиёти онҳоро маълум кардааст.

Фасли дуюми боби дуюм «Мундариҷаи ғоявии ғазалиёт» ном дорад. Тамоми ғазалиёти мансуб ба Абдуллоҳи Ансориро муаллифи рисола дорои мазомини орифонаву қаландаронаро нишон додааст, ки дуруст аст. Дар ғазалиёти мазкур кӯшиш шудааст, ки мазомину маонии ирфонӣ аз чаҳорчӯби шариат берун набарояд.

Фасли сеюми боби дуюм «Мазмун ва муҳтавои рубоиёт» ном дорад. Муаллифи рисола рубоиёти Абдуллоҳи Ансориро аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво ба рубоиёти ошиқонаву орифона ва рубоиёти муноҷотию мавъизавӣ ҷудо кардааст. Диссертант муҳимтарин хусусияти рубоиёти Абдуллоҳи Ансориро дар латофат, нармӣ, зарофат ва оҳанги тазарруи онҳо арзёбӣ кардаст.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои бадеии ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Фасли аввали боби сеюм «Хусусиятҳои забон ва сабки баён» унвон дорад. Ҳамон гуна ки муаллифи рисола қайд кардааст: «Дар сатҳи луғавӣ забони Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ вежагии хоссе надорад. Танҳо хусусияти луғавии сабки ӯ такрор аст. Гоҳе ӯ вожаеро дар чанд мисраъ такрор мекунад. Теъдоди калимоти номафҳуми ашъори ӯ бисёр кам аст, ки ин содагии забон ҳам ба далели мухотибон, ки мардуми омианд ва ҳам ба иллати таълимӣ будани осори ӯст. Мизони бакоргирии калимоти арабӣ дар ҳадди таодул ва бештар дар мафҳуми имрӯзии онҳост» [диссертатсия, с. 130]. Бар чунин баррасиҳои муаллиф метавон розӣ шуд.

Фасли дувуми боби сеюм «Авзони ашъор» унвон дорад. Аз ҷиҳати вазн диссертант авзони ашъорро чунин муайян кардааст: ғазалҳо аксар дар баҳри ҳазаҷ ва музореъ, рубоиёт аксар дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар (ҳудуди 63 рубоӣ) ва қитъаҳо дар шаш вазни баҳри ҳазаҷ эҷод шудаанд.

Фасли сеюми боби сеюм «Қофия ва радиф» унвон дошта, унвонҷӯ маълум кардааст, ки 30 ғазал (63,3%) ба қофияи муқайяд, 15 ғазал (33,3%) ба қофияи мутлақ, аксари рубоиёти шоир ба тарзи қофиябандии аа ба (180 адад) ва 37 рубоии дигар ба тарзи қофиябандии аа аа мебошанд.

Фасли чоруми боби сеюм «Санъатҳои бадеӣ» ном дорад. Муаллифи рисола санъатҳои бадеии нидо, талмеҳ, ташхис, истиора ва тазодро аз муҳимтарин санъатҳои бадеиии дар ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ истифодашуда дониста, ҳар кадоми онҳоро ҳамчун вижагии муҳимми сабкофарин таҳқиқ кардааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Искандари Ориф ҳовии муҳимтарин бардоштҳои илмии диссертант буда, дар 20 банд фароҳам омадаанд ва

истинодҳо дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Илова бар дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Масъалаи санъатҳои бадеӣ дар диссертатсия ба сурати мухтасар баён шудаанд, ба назари мо, ин ҷиҳат доманаи васеъ дошта, имкони таҳқиқи муфассалтарро фароҳам оварда метавонад.

2. Дар муқаддимаи диссертатсия аз китобҳои «Таърих-ул-ислом»-и Шамсиддини Заҳабӣ ва «Зайли Табақоти ҳанобила»-и Ибни Раҷаб ҳамчун манбаъ зикр шудааст, аммо дар матни кор аз онҳо ёд намешавад.

3. Дар навишти номи баъзе аз китобҳо ғалат рафтааст. Масалан, диссертанд номи китоби «Сияр-ул-аълом»-и Шамсиддини Заҳабиро дар шакли «Сайр-ул-аълом» овардааст.

4. Дар диссертатсия аҳёнан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд. Масалан, дар зикри номи муҳаққиқи фаронсавӣ Серж де Буркуй ҳарфи “у” афтидааст [диссертатсия, с. 37] ё ба ду шакл навиштани баъзе калимаҳо ҷой дорад, ба мисли вожаи «пажӯҳиш», ки баъзан бо “ӯ”-и дароз ва баъзан бо “у”-и кӯтоҳ навишта шудааст [диссертатсия, с. 12] ва ғ.

5. Дар раванди таҳқиқ муаллифи рисола аз китобҳои арабӣ истифода кардааст, аммо иқтибосҳоро ба забони тоҷикӣ овардааст. Хуб мешуд, аввал иқтибосро ба забони асл ва баъдан тарҷумаи онро меоварданд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Искандари Ориф ҳусни бештар зам мекунанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Ш.А.

«07» январи соли 2025.

**Суроға**: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский, бинои 52, ҳуҷраи 30
Тел.: (+992) 987-65-00-43
E-mail: soleh59@mail.ru

Имзои Ш.А. Солеҳовро тасдиқ менамоям:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

«07» январи соли 2025.